# Назардошт ва ё дарназардошт?

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 1 Январ, 2017 - 11:11
Дар корбурди ин ду қолаби вожасозӣ дар забони тоҷикӣ — «назардошт» ва «дарназардошт» андешаҳои мухталиф иброз шудааст. Ҳадафи мо дар ин навишта баррасии ҳамин матлаб дар иртибот ба пайдоиш ва мавриди истифода қарор гирифтани ин ду вожаи мураккаб тақрибан аз охири қарни XX дар васоити ахбори умум ва аз роҳи тарҷума ворид гардидани ҳарду ин қолаб дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Имрӯз дар бештар сабкҳои забонӣ ин вожаҳо истифодаи фаровон пайдо карда ва аслан дар баёни мафҳумҳои русии «учёт», «с учётом», «принимая во внимание», «принятие во внимание» кор гирифта мешаванд. Вожаҳои «назардошт» ва «дарназардошт» махсуси забони форсии дарии классикии муштарак ва забони форсии муосиру дарии Афғонистон нестанд. Ин ҳарду вожа дар забони тоҷикӣ низ аз сохтаҳои баъдӣ маҳсуб мешаванд.

Аз нигоҳи сохтор ин вожаҳо дар чунин қолаб ва ҷузъҳо ташкил шудаанд: назардошт аз исм + асоси замони гузаштаи масдари «доштан»; дарназардошт низ дар ҳамин қолаб, аммо бо заминаи пешванди «дар» ба вожаи мураккаби «назардошт». Дар қолаби «дарназардошт» ҷузъи «дар» ҳамон пешоянди «дар» аз феъли таркибии «дар назар доштан» мебошад. Бояд тазаккур дод, ки вожаҳои «назардошт» ва «дарназардошт» дар ҳеҷ кадоме аз фарҳангномаҳои форсӣ дарҷ нашудаанд ва ҳарду ин қолаб, ки имрӯз бо ин ду вожа дар забони тоҷикӣ истифода мешаванд, дар суннати вожасозии забони форсӣ-тоҷикӣ собиқаи корбурд надоранд ва ин вожаҳо дар фарҳангҳои дузабонаи форсӣ ба русӣ, русӣ ба форсӣ низ ёд нашудаанд. Вожаи мураккаби «назардошт» дар баёни вожаҳои русии «учёт; с учётом; принятие во внимание» дар «Фарҳанги то ҷикӣ ба русӣ» (ҷ.2, 2005) солҳои баъд ворид гардидааст: бо назардошти — с учётом, принимая во внимание.

Қолаби мазкур бо ҷузъи исм + асоси замони гузаштаи феъли «доштан» (дошт) метавонад шакл гирад. Ба таври мисол, чашмдошт — (=интизор доштан, чамшдор будан); нигаҳдошт — (=нигоҳ доштан, нигоҳдорӣ кардан); арзадошт — (=арза доштан); ёддошт, бо ҷузъи сифат — бузургдошт ва ғайра (Фарҳанги форсӣ ба русӣ ҷ. 2, М., 1970; Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, Душанбе, 2006).

Вожаи арабии назар, ки дар ин қолаб истифода мешавад, дар забони форсӣ-тоҷикӣ дорои ин чанд баробариҳост, аз ҷумла: «чашм, нигоҳ; таваҷҷуҳ, илтифот, иноят; нигаристан; чашм андохтан; чашм доштан». Дар борае маъноҳои калимаи арабии «назар» дар адаби форсӣ-тоҷикӣ муроҷиат шавад ба «Луғатнома»-и Деҳхудо (ҷ. 14), ҳамчунин муқоиса шавад ин таркибҳо: дар назар = дар чашм, дар назар омадан= ба назар омадан = ба чашм омадан (Луғатнома, ҷ.14); назар доштан = нигоҳ кардан, нигаристан, назар афканд; тамошо кардан; таваҷҷуҳ ва иноят доштан; назар гирифтан-назар гардонидан (Луғатнома, ҷ.14). Маъниҳои истилоҳии вожаи «назар» (= таваҷҷуҳ; идрок; рай; нигаристан) ва ғ. дар «Фарҳанги истилоҳоти ирфонии исломии форсӣ-англисӣ, англисӣ -форсӣ» (Теҳрон 1388) низ дарҷ гардидааст, ки он ниёз ба такрор надорад.

Акнун феълҳои таркибии «дар назар доштан» ва «дар назар гирифтан»-ро дар фарҳангҳои дузабонаи форсӣ-русӣ, русӣ-форсӣ, тоҷикӣ-русӣ, русӣ-тоҷикӣ метавон муқоиса ва баррасӣ кард: учёт — ба ҳисобгирӣ, ба назаргирӣ; учитывать, учесть — ба назар гирифтан, ба ҳисоб гирифтан (Луғати русӣ-тоҷикӣ, 1934); дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (соли 1949) бо зикри маъниҳои боло феъли «дар назар доштан» низ илова шудааст. Дар «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» (таълифи Галунов. ҷ. 2. Москва 1937): учёт — дар назар гирифтан; с учётом всех обстоятельств дела — бо дар назар гирифтани тамоми ҷузъиёти амр; дар «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» (таълифи М.А.Гаффоров ҷ.2,

Москва, 1976): дар назар доштан — иметь в виду, помнит»; дар назар надорам — я не помню; дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»(Москва, 1985): учёт — баҳисобгирӣ, баназаргирӣ; ба ҳисоб гирифтан(и); учесть — ба ҳисоб (ба назар) гирифтан; дар назар доштан; дар «Қомуси русӣ-

пашту ва дарӣ» (таълифи К.А.Лебедев, Л.С. Яцевич, М.А.Конаровский (Москва 1983): учесть, учитывать (принимать во внимание) — дар назар гирифтан; «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» (зери таҳрири Ю.А.Рубинчик ҷ.2): дар назар гирифтан — принимать во внимание, иметь в виду; дар назар доштан а) помнить (дар назар надорам чи вақт рафт); б) дар назар гирифтан; «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» (таълифи Г.А. Восканян, Москва, 1986): учёт (принятие во внимание — дар назар гирифтан (бо дар назар гирифтани вазъ), бо таваҷҷуҳ ба; дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (Душанбе, 2005, ҷ.2): дар (ба) назар гирифтан (доштан) — принимать во внимание, иметь в виду, учитывать; назардошт — учёт, принятие во внимание; бо назардошт — с учётом, принимая во внимание.

Дар иртибот ба ин ду таркиби «дар назар доштан» ва «дар назар гирифтан» нахуст бояд ба муродифоти ҳар кадоме аз феълҳои ёвари «доштан» ва «гирифтан» таваҷҷуҳ кард: ба чанг доштан

= ба чанг гирифтан; ҷашн доштан=ҷашн гирифтан; рӯза доштан= рӯза гирифтан; сипар доштан=сипар гирифтан; танг доштан=танг гирифтан (Луғатнома ҷ. 7); дар канор доштан -дар оғуш доштан; дар канор гирифтан- дар оғуш гирифтан (Фарҳанги «Шоҳнома», ҷ.1). Дар бораи чанде аз вижагиҳои дигари феъли «доштан» дар осори давраи аввали порсии дарӣ дар китоби «Сабкшинос ӣ» таълифи Баҳор (ҷ. 1, с. 322-323) маълумот оварда шудааст. Баҳор дар иртибот ба корбурди пешоянди «дар» чунин қазоват мекунад: «Дар замони Сомониён ба ҳеҷ ваҷҳ калимаи «дар» дар наср нест ва ба ашъори мансуб ба он давра ҳам эътимоди комил наметавон кард, вале дар кутуби насри қадимӣ, ки метавон бад-онҳо эътимод кард, ҳар чанд ҷустуҷӯ шуд, ҳама ҷо «андар» истеъмол шудааст. Лафзи «дар», ки мухаффафи «андар» аст, дар аҳди Ғазнавиён пайдо омада» (Сабкшиносӣ, ҷ. 1, с. 338).

Дар ҳар маврид феълҳои таркибии «дар назар доштан» ва «дар назар гирифтан» қолабест, ки бо ҷ узъи номии «дар назар» (бо пешоянди дар) ташкил шудааст ва ин феъли таркибӣ дорои маънои «аҳамият ё арзиш додан» ва ё «таваҷҷуҳ намудан ба чизе ё дар чизе» мебошад. Масалан, «бо дар назар гирифтани вазъ» маънои «бо таваҷҷуҳ ба вазъ»-ро дорад, ки ин қолаб хеле маъмул аст. Феълҳои таркибии «дар назар доштан» ва «дар назар гирифтан» дар суннати навишторӣ ва гуфтории форсӣ бо пешоянди «бо» таркиб баста мешавад. Ба таври намуна: «Бо дар назар гирифтани муҳити фарҳангӣ…» (Бухоро. Таълифи Р.Фрай. Теҳрон, 1348, 237).

Дар забони форсӣ қолаби пешоянди бо + пешоянди дар (ба) + феъли таркибии номӣ аз қолабҳои суннатӣ дар сохтори феъл ба шумор меравад:

— бо дар назар гирифтани…; — бо дар назар доштани…; — бо ба кор бурдани…; — аз ба кор бурдани….

Намунаи мисолҳо барои ду қолаби охир дар забони форсӣ:

«Ва ин ки мо бо ба кор бурдани калимоти бегона эҳсоси шахсият мекунем».
«Бояд ҳамин матлабро бо ба канор бурдани як ҷумла баён намуд».
«Дастгоҳи қонунгузорӣ ва иҷроӣ ва қазоии кишвар… муаззафанд аз ба кор бурдани калимоту вожаҳои бегона дар гузоришҳо худдорӣ кунанд».

Қабл аз баррасии вожаҳои мураккаби «назардошт» ва «дарназардошт» дар забони тоҷикӣ мехоҳам аз як назари академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ёдовар шавам.

Мавсуф дар китоби хеш «Хуросон аст ин ҷо» дар робита ба қолаби «назардошт» ва

«дарназардошт» чунин қазоват мекунад: «ба ҷои «назардошт» гоҳ «дарназардошт» мегӯяд, ки пешоянди он ба қолаби аслӣ намеғунҷад ва зиёдатӣ аст. Аммо калимаҳои мисли бакоргирӣ ё дарназардошт дар Эрон ва Афғонистон аз қоидаҳои асосӣ истисно буда, ба нудрат дучор меоянд. Дар забони тоҷикии қарни бистум ҳамин истисно ҷои қоидаи асосиро гирифт ё баробари он аҳамият пайдо карда бе ҳад густариш ёфт. Ба фикри мо ин тарзи қоидаи аслиро бо истиснои он иваз кардан ё дар баробари қоидаи асосӣ истиснои онро ривоҷ додан кори дуруст нест». Муаллиф дар идома меафзояд: «Хомазанҳои мо, ки бидуни чунин тафтиш ва

таҳқиқ, масалан дарназардоштро ба ҷон пазируфтаанд, ба назари камина чандон кори дуруст накардаанд»(Ҳамин асар с. 225).

Ҳамчунон ки мебинем донишманди муҳтарам, аслан муҳтавои ин ду қолабро дар равиши вожасозӣ дарк накардааст ва аз корбурди ҳар ду ин вожа хулосаи ғалат бардоштааст. Бо кадом далел калимаи мураккаби «назардошт» дар муқобили «дарназардошт» «қоидаи асосӣ» маънӣ мешавад? Ҳам «дарназардошт» ва ҳам «назардошт» ҳарду шаклҳои мухаффафи феъли таркибии

«дар назар доштан» буда, ин таркиб дар забони тоҷикӣ нахуст ба вожаи мураккаби «дарназардошт» ва баъдан ба шакли «назардошт» ихтисор шудааст. Бинобар он шакли мухаффафи «назардошт»-ро бар шакли мухаффафи дигари «дарназардошт» чигуна метавон бартарӣ дод?

Аз нигоҳи ташкили ҷузъҳо вожаи мураккаби «назардошт» дар чунин қолаби ихтисоршуда наметавонад ба феъли таркибии «дар назар доштан» ё «дар назар гирифтан» иртибот дошта бошад.

Вожаи мураккаби «назардошт» дар қолаби исм+ асоси замони гузашта танҳо ба феъли таркибии «назар доштан» дар маъниҳои «нигоҳ кардан, нигаристан, назар афкандан; тамошо кардан; таваҷ ҷуҳ ва иноят доштан, илтифот кардан; майл доштан» метавонад иртибот гирад. (Дар бораи маъниҳои феъли «назар доштан» ниг.: Луғатнома, ҷ. 14).

Муқоиса шавад ҳамин қолаб дар феъли маҷозии таркибии номии чашм доштан — «умед доштан, умедвор будан, интизор кашидан, чашм ба роҳ будан» (Луғатнома. ҷ.6; Пейсиков 1975, 171).

Таркибҳои феълии пешвандӣ дар осори порсии дарӣ ва ё забони форсӣ-тоҷикӣ бо корбурди қолабҳо бо пешвандҳои «ба», «аз», «бар», «дар» бо изофаи феълҳои таркибии номӣ бо феълҳои ёвари гуногун истифодаи фаровон доранд. Ин гуна таркибҳои маҷозии феълҳои пешвандӣ, ки метавонанд аз се ва ё чаҳор ҷузъ иборат бошад, танҳо дар ифодаи як маъно ба кор мераванд. Чанде аз феълҳои пешвандии номӣ дар ин қолаб аз ҷониби Парвиз Нотили Хонларӣ дар китоби «Таърихи забони форсӣ» дар асоси осори давраи аввал мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст (ниг.: Хонларӣ 1377, 171-175).

Бунёди ин қолаб дар забони форсӣ-тоҷикӣ танҳо феъли маҷозии таркибии номии «дар назар доштан» (бо гунаи он: «дар назар гирфтан») буда ва ин таркиб набояд ба шакли «назардошт» ё «дарназардошт», ки ҳарду шаклҳои мухаффафанд, иваз карда шаванд. Дар ин таркиб пешванди «дар» ҷузъи ҷудонопазир маҳсуб меёбад.

Феҳристи манобеъ

Баҳор Муҳаммад Тақӣ. Сабкшиносӣ. ҷ.1. -Теҳрон, 1375.
Восканян Г.А. Фарҳанги русӣ ба форсӣ. -М., 1986.
Галунов Р.А. Русско-персидский словарь. -М., 1937.
Гаффоров М.А. Фарҳанги форсӣ ба русӣ. -М., 1976.
Лебедев К.А., Яцевич Л.С., Конаровский М.А. Қомуси русӣ-пашту ва дарӣ. -М., 1983.
Луғати русӣ-тоҷикӣ. Зери таҳрири А.Деҳотӣ ва Н.Н.Ершов. -М., 1949.
Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. -М., 1975.
Фарҳанги форсӣ ба русӣ. Зери таҳрири Ю.А.Рубинчик. Дар 2 ҷилд. -М., 1970.
Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Зери таҳрири Д.Саймиддинов, С.Д.Холматова, С.Каримов. -Душанбе, 2006.
Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷ.1. -М., 1969.
Фарҳанги «Шоҳнома». Бо кӯшиши Алии Равоқӣ. -Теҳрон, 1390.
Фарҳанги истилоҳоти ирфонии исломии форсӣ-англисӣ, англисӣ-форсӣ. -Теҳрон, 1388.
Фрай Ричард. Бухоро. -Теҳрон, 1348.
Хонларӣ Парвиз Нотил. Таърихи забони форсӣ. -Теҳрон, 1377.

Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. -Душанбе, 1996.

Рӯзномаи Нигоҳ, 4 апрели соли 2012.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Мақолаҳо [1]
- Фаъолият [2]

**Манбаъ::**https://www.istilohot.tj/tg/content/nazardosht-va-yo-darnazardosht?mini=2026-07

**Пайвандҳо**
[1] https://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE [2] https://www.istilohot.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82